**Замимаи №1**

Тасдиқ шудааст.
Бо фармоиши Раиси
Палатаи савдо ва саноати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз "13" 03 2026 с, № 07

# НИЗОМНОМА
# ДАР БОРАИ ГУЗАРОНИДАНИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ТОП - 35 ШАРИКИ БОЭЪТИМОДИ СОЛ"

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи мазкур, тартиби ташкил ва баргузории Озмуни ҷумҳуриявии "ТОП-35 шарики боэътимоди сол"-ро муайян мекунад.

2. Озмуни ҷумҳуриявии "ТОП-35 шарики боэътимоди сол" (минбаъд Озмун) аз ҷониби Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда мешавад. Ташкилкунандаи озмун метавонад дар давоми соли баргузории чорабинии мазкур, номи Озмунро тағйир диҳад.

3. Озмуни мазкур бо мақсади таҳкими нуфуз ва эътибори соҳибкорони ватанӣ дар миёни доираҳои соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, муаррифӣ ва тарғиби дастовардҳои фаъолияти онҳо, инчунин тақвият бахшидан ба нақши соҳибкории хурд ва миёна дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда мешавад.

4. Озмун дар як сол як маротиба гузаронида мешавад.

## 2. МАҚСАДИ ГУЗАРОНИДАНИ ОЗМУН

5. Мақсадҳои асосии гузаронидани Озмун инҳо мебошанд:

- Муайян намудани ширкату корхонаҳои боэътимоди ватанӣ бо мақсади таъсис додани Феҳристи ғайридавлатии соҳибкорони боэътимоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташвиқу тарғиби он;

- Мусоидат намудан дар рушди бахши хусусӣ, тақвият бахшидани муносибатҳои тиҷоратӣ ва шарикии соҳибкорони ватанӣ-аъзоёни Палата, ҷалби сармоягузорон ва шарикони хориҷӣ барои ҳамкорӣ бо соҳибкорони боэътимоди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Ҳавасмандгардонии соҳибкорони ватанӣ барои беҳтар намудани сатҳу сифати маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасониҳои худ тавассути рақобати солим;

- Мусоидат намудан ба ширкату корхонаҳои муваффақ ва боэътимоди Тоҷикистон дар рушди минбаъда ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар минтақа ва ҷаҳон;

## 3. ТАШКИЛКУНАНДА ВА ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУН

6. Ташкилкунандаи Озмун Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Вазифаҳои Ташкилкунандаи Озмун иборатанд аз:

- таъсиси Кумитаи тадорукотии Озмун;
- таъмини корҳои ташкилӣ - техникии Кумитаи тадорукоти Озмун;
- тасдиқи тарҳи нишони (логотип) Озмун, ҳайкалҳои ҷоизадиҳӣ ва дипломҳо;
- муайян кардани тартиби гузаронидани маросими ҷоизасупорӣ;
- муайян кардани сана ва макони баргузории Озмун;

7. Иштирокчии Озмун шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, субъектҳои хоҷагидор бо ҳама намудҳои моликият ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, ки аъзои амалкунандаи Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд ва барои иштирок дар Озмун ариза ва ҳуҷҷатҳои лозимаро тибқи замимаҳои 1 ва 2-и Низомномаи мазкур пешниҳод намудаанд;

8. Дар Озмун инчунин метавонанд шахсони воқеӣ, ки низомҳои махсуси андозбандиро татбиқ менамоянд ва маълумот дар бораи онҳо ба Феҳристи андозсупорандагони андоз аз даромад дохил карда шудааст, иштирок намоянд.

9. Иштирокчии Озмун бояд ҳадди ақал то санаи баргузории Озмун на камтар аз се сол дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қайди давлатӣ буда, фаъолияти соҳибкориро анҷом додааст.

## 4. КУМИТАИ ТАДОРУКОТ

10. Кумитаи тадорукотии Озмун - мақомест, ки бо фармоиши Ташкилкунандаи Озмун, аз ҳайати кормандони роҳбарикунандаи Палата таъсис дода шудааст.

11. Раиси Кумитаи тадорукот муовини якуми Раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

12. Вазифаҳои Кумитаи тадорукот иборат аз:

- пешниҳод намудани рӯйхати ҳайати Ҳакамони Озмун барои тасдиқ ба Раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳияи тарҳи нишони Озмун, ҳайкалчаҳои мукофотӣ ва дипломҳо ва пешниҳоди онҳо барои тасдиқ ба Ташкилкунандаи Озмун;
- паҳн намудани иттилоот доир ба гузаронидани Озмун дар васоити ахбори омма, дар платформаҳои Палата, ҳамчунин миёни шарикон ва аъзоёни Палата;
- муайян кардани санаҳои оғоз ва анҷоми қабули аризаҳо барои иштирок дар Озмун ва нашри маълумоти дахлдор, аз ҷумла дар сомонаи расмии Ташкилкунандаи Озмун ва дар ВАО;
- қабули ҳуҷҷатҳои зарурӣ вобаста ба иштирок дар Озмун ва назорат аз болои дурустии онҳо;
- огоҳ намудани довталабон оид ба роҳхат ёфтан ё наёфтанашон ба Озмун мутобиқи асосҳои пешбининамудаи банди 21-и Низомномаи мазкур;
- пешниҳоди аризаҳо ва ҳуҷҷатҳои дахлдор барои баррасӣ ба ҳайати Ҳакамони Озмун;
- ташкили маросими ҷоизасупорӣ барои ғолибони Озмун;
- таъмини нигоҳдории протоколҳои ҷаласа ва дигар маводҳои Ҳакамони Озмун.

## 5. ҲАКАМОНИ ОЗМУН

13. Ҳакамони Озмун - мақомест, ки дар асоси фармоиши Ташкилкунандаи Озмун бо пешниҳоди Кумитаи тадорукот, барои муайян кардани ғолибони Озмун, таъсис дода мешавад;

14. Ҳайати Ҳакамони Озмун бе назардошти котиб аз шумораи тоқ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои соҳавӣ иборат мебошад;

15. Раиси Ҳакамон Раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

16. Ҳакамони Озмун фаъолияти худро дар доираи Низомномаи мазкур ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби Ташкилкунанда ва Кумитаи тадорукотии Озмун қабул карда мешаванд, ба роҳ мемонад.

17. Фаолияти аъзои ҳайъати Ҳакамон бояд бар асоси принсипҳои мустақилияти назар, касбият ва салоҳияти баҳогузорӣ, беғаразии хулосаҳояш сурат гирад.

18. Аъзои Ҳакамон набояд ягон мукофоти пулӣ ё дигар мукофотҳои қиматбаҳоро аз иштирокчӣ ё дигар шахсони дар баҳогузории ӯ манфиатдор, қабул кунад.

19. Барои баҳогузории ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва муайян кардани ғолибон, Ҳакамони Озмун ҳуқуқ дорад:

- фаъолияти иштирокчиёни Озмунро дар ҷойҳои истеҳсолии онҳо баррасӣ кунад ва дар ҳолати зарурӣ ҳуҷҷатҳо ва маводҳои иловагиро дархост намояд;

- котиби Ҳакамони Озмун протоколро оид ба натиҷаҳои Озмун тартиб медиҳад ва онро барои имзо ба аъзои Ҳакамон ва Раиси он пешниҳод менамояд.

20. Маҷлиси Ҳакамони Озмун дар ҳамон вақт салоҳиятдор шуморида мешавад, агар дар он на камтар аз 2/3 ҳиссаи ҳайати Ҳакамон иштирок намоянд, ё ин ки агар дар вақти овоздиҳӣ 2/3 ҳиссаи ҳайати Ҳакамон бетараф набошанд.

## 6. ТАЛАБОТҲОИ АСОСӢ БАРОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

21. Талаботҳои асосӣ барои иштирок дар Озмун:

- довталаб бояд аъзои амалкунандаи Палата бошад ё то анҷоми муҳлати қабули аризаҳо барои қабул шудан ба аъзогии Палата ариза пешниҳод намояд;

- дар Феҳристи ягонаи давлатии андозсупорандагон ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ сабтшуда бошад ва фаъолияти соҳибкориро мустақиман дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад;

- то 1 январи соли 2026 аз пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии ба буҷет пардохтшаванда қарздор набудан;

- то санаи моҳи охири ҳисоботӣ аз кормандон қарзи музди меҳнат надоштан;

- то санаи муайяншуда дархост барои иштирок дар Озмун пешниҳод намуда, ҳуҷҷатҳои заруриро мувофиқи талаботи Замимаи 2-и Низомномаи мазкур,  пешниҳод намояд;

- пардохти маблағи муқарраршуда барои иштирок дар Озмун, ки барои пӯшонидани хароҷоти ташкилии Озмун пешбинӣ карда мешавад;

22. Ҳаҷми маблағи пардохт бо фармоиши Раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди Кумитаи тадорукот тасдиқ карда мешавад.

## 7. ШАРТҲОИ РОҲХАТ НАЁФТАН БА ОЗМУН

23. Довталаб дар ҳолатҳои зерин метавонад барои иштирок дар Озмун роҳ дода нашавад:

- агар ариза пас аз мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод шуда бошад;

- агар талаботи банди 21-и Низомномаи мазкур пурра иҷро нашуда бошад.

## 8. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ ОЗМУН ВА БАҲОДИҲИИ ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУН

24. Озмун аз рӯи категорияҳои зерин баргузор карда мешавад:

– Саноат;
– Энергетика;
– Кишоварзӣ;
– Муассисаҳои молиявӣ ва қарзӣ;
– Нақлиёт;
– Коммуникатсия;
– Дигар соҳаҳо, аз ҷумла:
• Маҳсулот ва хизматрасониҳои беназир;
• Марказҳои савдо;
• Мебел;
• Асбобҳои рӯзгор;
• Хизматрасониҳо (ширкатҳои суғуртавӣ, меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, варзиш, зебоӣ ва саломатӣ, сайёҳӣ, истироҳат ва ғайра).

25. Дар ҳар як номинатсия панҷ (5) ғолиб интихоб карда мешаванд.

26. Вобаста ба шумораи аризаҳои пешниҳодшуда, Кумитаи тадорукот метавонад Озмунро на дар ҳама номинатсияҳо гузаронад, дархостҳоро байни номинатсияҳо интиқол диҳад ё номинатсияҳои дигарро дар асоси пешниҳоди Ҳакамони Озмун таъсис диҳад.

27. Аризаҳои довталабон ҳангоми пешниҳод бо нишон додани санаи пешниҳод рақамгузорӣ карда мешаванд ва барои баррасӣ ба Ҳакамон пешниҳод карда мешаванд.

28. Ҳуҷҷатҳои барои Озмун пешниҳодшуда баргардонида намешаванд.

29. Пас аз ба охир расидани мӯҳлати пешниҳоди аризаҳо, Кумитаи тадорукот протокол тартиб медиҳад, ки онро аъзои Кумита ва Раиси он имзо мекунанд ва ба Ҳакамон мефиристанд.

30. Агар то рӯзи охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо камтар аз панҷ ариза ворид шавад, Ташкилкунандаи Озмун ҳуқуқ дорад, ки санаи баргузории Озмунро ба таъхир гузорад.

31. Дар давоми Озмун ҳамаи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда аз ҷониби Ҳакамон аз рӯи ҷадвали 100-баллӣ баррасӣ карда мешаванд, ки пас аз он ҳар як аъзои Ҳакамон барои ҳар як меъёри дар Замимаи 2-и Низомномаи мазкур зикршудааст аз 1 то 10 хол баҳо медиҳад.

32. Қарори ҳайати Ҳакамон бо аксарияти овозҳои аъзои он қабул карда мешавад. Дар ҳолате, ки овозҳо баробар бошанд, овози Раиси Ҳакамон ҳалкунанда ҳисобида мешавад. Натиҷаи бадастомада баҳои ниҳоии ариза ба ҳисоб меравад.

33. Натиҷаҳои Озмун дар протоколи Ҳакамон сабт карда мешаванд, ки дар ду нусха тартиб дода мешавад. Як нусха ба Ташкилкунандаи Озмун ва нусхаи дуюм ба Кумитаи тадорукот дар давоми се рӯз дода мешавад.

34. Бар асоси натиҷаҳои Озмун, Ҳакамон ба 35 иштирокчии беҳтарин, ки беш аз 90 хол ба даст овардаанд, унвони Ҷоизадори Озмуни “ТОП - 35 шарики боэътимоди сол"-ро медиҳад. Онҳо бо ҳайкалчаи "ТОП - 35 шарики боэътимоди сол", дипломи Ҷоизадори Озмун ва шаҳодатнома барои дохил намудан ба Феҳристи соҳибкорони боэътимод мукофонида мешаванд.

35. Иштирокчиёни дигаре, ки аз 90 хол кам гирифтаанд, ба онҳо дипломи иштирокчии Озмун дар номинатсияи худ ва шаҳодатнома барои дохил намудан ба Феҳристи соҳибкорони боэътимод дода мешавад.

36. Агар дар номинатсия танҳо як ширкат иштирок кунад, ғолиб муайян намешавад. Аммо бо қарори Ҳакамон ба иштирокчӣ метавонад унвони Ҷоизадори Озмуни «ТОП – 35 шарики боэътимоди сол» дода шавад, ё ба ӯ дипломи иштирокчӣ ва шаҳодатнома барои дохил намудан ба Феҳристи соҳибкорони боэътимод тақдим карда шавад.

37. Ҷамъбасти натиҷаҳои Озмун дар маросими тантанавӣ эълон карда мешавад.

38. Ҷоизадорони Озмун бо ҳайкалча, диплом ва шаҳодатномаи дахлдор сазовор гардонида мешаванд.

39. Шарикон ва сарпарастони Озмун метавонанд ғолибонро бо ҷоизаҳои махсус сарфароз гардонанд.

40. Ҷоизадорони Озмун ҳуқуқ доранд, ки нишона ва ҳайкалчаи Озмунро дар фаъолияти худ дар мӯҳлати муайяншуда, истифода баранд.

41. Дар сурати ошкор шудани қоидавайронкуниҳое, ки аз ҷониби аъзои Кумитаи тадорукот ҳангоми қабули аризаҳо (пинҳон кардан, сабт накардан, бақайд нагирифтани аризаҳо ва ғайра) содиршудаанд ва дигар

қоидавайронкуниҳои дар давоми Озмун содиршуда, метавонанд асос барои татбиқи чораҳои интизомӣ гарданд.

42. Дар ҳолати ошкор гардидани қоидавайронкуниҳои аз ҷониби аъзои Кумитаи тадорукот содиршуда, ки дар банди 41 нишон дода шудааст, довталабе, ки ба номинатсия дохил нашудааст, маблағи барои иштирок дар Озмун пардохтшуда, пурра баргардонида мешавад.

43. Натиҷаҳои Озмун дар васоити ахбори омма паҳн карда мешаванд.

## 9. ҲАМКОРӢ БО САРПАРАСТОН ВА ШАРИКОН

44. Ҳамкорӣ бо сарпарастон ва шарикон дар асоси шартнома ба роҳ монда мешавад.

45. Маблағҳое, ки аз сарпарастон ва шарикон ворид мешаванд, барои дастгирии корҳои ташкилӣ ва баргузории Озмун истифода бурда мешаванд.

46. Сарпарастон ва шарикон ҳуқуқи иштирок намудан дар Озмунро ҳамчун иштирокчӣ надоранд.

## 10. ТАНЗИМИ БАҲСҲО

47. Масъалаҳои баҳснок аз ҷониби Ҳакамон дар якҷоягӣ бо Кумитаи тадорукот ва Ташкилкунандаи Озмун баррасӣ карда мешаванд.

48. Дар ҳолати бо қарори Ҳакамон розӣ набудан, иштирокчии Озмун ҳуқуқ дорад, ки ба Кумитаи тадорукот ва Ташкилкунандаи Озмун тибқи тартиби муқарраргардида, муроҷиат намояд.

49. Дар ҳолати ба манфиати шикояткунанда баҳс ҳал шавад, ба он низ унвони Ҷоизадори Озмуни "ТОП - 35 шарики боэътимоди сол" дода мешавад. Инчунин, ба он ҳайкалчаи "ТОП - 35 шарики боэътимоди сол", дипломи Ҷоизадори Озмун ва шаҳодатнома барои дохил намудан ба Феҳристи соҳибкорони боэътимод тақдим карда мешавад.

Замимаи 1
ба Низомнома дар бораи Озмуни ҷумҳуриявии
"ТОП - 35 шарики боэътимоди сол"
(дар бланки расмии корхона чоп карда шавад)

**Ба Палатаи савдо ва саноати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**АРИЗА**
**БАРОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ТОП - 35 ШАРИКИ БОЭЪТИМОДИ СОЛ"**

Ман аз шумо хоҳиш менамоям, ки корхонаи ман ___________________________-ро барои иштирок дар Озмуни ҷумҳуриявии "ТОП - 35 шарики боэътимоди сол" сабти ном кунед. Ман кафолат медиҳам, ки маълумот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда дурус мебошанд.

**Маълумоти мухтасар дар бораи субъекти хоҷагидор**
**Шахси ҳуқуқӣ:** ________________________________________________
**Суроғаи ҳуқуқӣ:** ______________________________________________
**Суроғаи аслӣ:** ________________________________________________
**Суроғаи почтавӣ:** _____________________________________________
**Телефон:** ______________________ **WhatsApp/Telegram:** ________________________
**Сомона: www.**________________________ **Почтаи электронӣ:** _____________________
**Роҳбари корхона (Номи пурра):** ________________________________
**Сармуҳосиб/Шахси масъул** _____________________________________
**РМА (ИНН)** __________________ **Рақами суратҳисоби ҷорӣ №** _____________________
**Бонк** _________________________________________________
**Рақами суратҳисоби муросилотӣ №**_______________________ **БИК** ________________
**Рақам, сана ва мақомоти бақайдгирии давлатӣ** ___________________________________
__________________________________________________________________________

**Маълумот дар бораи маҳсулоти истеҳсолшуда, корҳои иҷрошуда ва/ё хизматрасониҳои пешниҳодшуда, инчунин ҳама гуна маълумоти иловагие, ки довталаб мехоҳад пешниҳод кунад.**
__________________________________________________________________________
__________________________________________________________________________
__________________________________________________________________________
__________________________________________________________________________
__________________________________________________________________________

**Имзои Роҳбари корхона**_______________________________________________

**Имзои сармуҳосиб** ___________________________________________________

**Сана:** **Муҳр:**

Замимаи 2

ба Низомнома дар бораи Озмуни ҷумҳуриявии
"ТОП - 35 шарики боэътимоди сол"

**Рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки барои иштирок дар Озмун пешниҳод мешаванд:**

1. Намунаи аризаи пуркардашуда дар бланки расмии корхона;
2. Нусхаи шаҳодатнома оид ба бақайдгирии давлатӣ ва иқтибос;
3. Нусхаи оинномаи молиявӣ;
4. Нусхаи шартномаи муассисон;
5. Нусхаи қарор дар бораи таъсис;
6. Маълумотнома дар бораи шумораи умумии кормандон дар корхона;
7. Маълумотнома оид ба набудани қарз аз маоши кормандон;
8. Маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки набудани қарзҳои андозӣ ва маблағи андозҳои пардохтшударо ба буҷет барои соли гузашта тасдиқ мекунад;
9. Нусхаҳои иҷозатнома барои намудҳои фаъолият (агар мавҷуд бошанд);
10. Ҳисоботи молиявӣ барои ду соли қаблӣ (бо ҳисоботи тавозунӣ), эъломияи ягонаи андоз бо тасдиқи қабул аз ҷониби мақомоти андоз;
11. Ҳисоботи аудиторӣ, агар аудит гузаронида шуда бошад (барои ҷамъиятҳои саҳомӣ ва бонкҳо ҳатмӣ);
12. Нусхаҳои расидҳои пардохт барои иштирок дар озмун ва аъзоҳақӣ дар Палата;
13. Дар ҳолати мавҷуд будан, пешниҳоди нусхаҳои сертификатҳои стандарҳои байналмилалӣ (ба монандӣ: ISO, HACCP, HALAL, GLOBAL GAP ва ғайра);
14. Дар ҳаҷми 1 саҳифа пешниҳоди маълумоти мухтасар оид ба корхона бо нишон додани (соли таъсисёбӣ, самти фаъолият, номгӯи маҳсулоти истеҳсолӣ, корҳои иҷрошуда ва/ё хизматрасониҳои пешниҳодшуда, кишварҳои содиротшаванда ва ғайра);
15. Барои муассисаҳои қарзӣ ва молиявӣ (бонкҳо, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд, фондҳои қарзии хурд): пешниҳоди маълумот дар бораи вазъи муассиса дар 2 соли охир (тибқи намунаи БМТ "Шарҳи рушди низоми бонкӣ");
16. Тавсияҳо аз вазорату идораҳои соҳавӣ ё иттиҳодияи соҳибкорие, ки довталаб аъзои он аст (ихтиёрӣ);
17. Маводи иттилоотӣ-таблиғотии довталаб барои ҷойгиркунӣ дар манбаҳои интернетии Палата (ихтиёрӣ).

Эзоҳ: нусхаҳои ҳуҷҷатҳо бояд аз ҷониби роҳбар имзо ва бо мӯҳр тасдиқ карда шаванд. Инчунин, ҳуҷҷутҳои пешниҳодшуда аз ҷониби ташкилкунанда баргардонида намешаванд.